

31 март дар доираи сафари корӣ дар вилояти Сугд Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар Фурудгохи байналмилалии Хучанд “Маркази таъминоти техникии рушноидихии парвозхо”- ро мавриди бахрабардорӣ карор доданд.

Тачхизоти нави рушноидихӣ ва огохкунии шуъояш баланд мутобик ба талаботхои дарачаи якуми “ИКАО” - Ташкилоти байналхалкии авиатсияи граждани бо маблаги умумии 26 миллион сомонӣ сахми Хукумати Чумхурии Точикистон ва Бонки Аврупоии Тачдид ва Рушд сохта шудааст.

Тачхизоти нави рушноидихӣ имкон медихад, ки фурудоӣ ва парвози хавопаймохо дар дилхох вакти шабонарузӣ, новобаста аз вазъи хаво ба сифати баланд ба амал баровarда шавад.

Лоихаи “Тачдид ва мучаххазгардонии техникии аэродроми Фурудгохи байналмилалии Хучанд” аз соли 2013 дар се мархила огоз шуда, имрӯз дар хузури Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба истифода дода шуд.

Мархилаи якум ичроиши корхо оид ба мумфаршкунии хатти парвозу фурудоӣ, омода кардани он барои минбаъд васлу насб намудани тачхизоти рушноидихӣ, давраи дуюм таъминот ва васлу насби тачхизоти рушноидихӣ-огохкунии шуъояш баланд ва мархилаи сеюм васлу насби системаи нави фурудоии ИЛС аз самти магнитии 258 дарачаро дар бар мегирифт.

Зимни шиносоӣ бо марказ Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба рохбарияти Макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилояти Сугд ва Фурудгохи байналмилалии Хучанд бахри баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, таъмини сатхи баланди бехатарии парвозхо ва мутобик намудани инфрасохтори фурудгоххои мамлакат ба талаботхо ва стандартхои байналмилалӣ ва дар ин замина васеъ намудани чугрофияи парвозхо, ташкили хатсайрхои нав ба самтхои хоричи дуру наздик ва афзоиши хачми мусофиркашонии байналмилалӣ дар Фурудгохи байналмилалии Хучанд дастуру супоришхо доданд.

Мавриди зикр аст, ки шуруъ аз соли 2016 бо супориши Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон корхо оид ба васеъкунии роххои гардишӣ ва васеъ намудани худуди перрони фурудгох ба амал бароварда мешавад. Ин корхо бо максади таъмини бехатарии харакати таёрахои калонхачм дар перрон хангоми гардиш ва озодона харакат кардану чойгир намудани онхо дар истгоххо амалӣ мегардад.

Соли 2017 дар фурудгох масохати зиёда аз 65 хазор метри мураббаъ мумфарш карда шуд. Кисми зиёди он асосан барои дароз намудани хатти парвоз, васеъкунии роххои гардиш, васеъ кардани перрони фурудгох ва истгохи хавопаймохо сарф гардидааст.

Ёдовар мешавем, ки 25 марти соли 2017 низ зимни як сафари кории Сарвари давлат ба вилояти Сугд дар Фурудгохи байналмилалии Хучанд як катор иншооти таъиноти гуногуни хизматрасонӣ, аз чумла “Толори чавонон” бо 250 чойи нишаст ва “Тарабхонаи чавонон”  ифтитох гардида буд.

Корхои навсозӣ ва тачхизонидани бинохои худуди фурудгох аз хисоби маблагхои худи фурудгох анчом дода шуданд. Ба хотири ба талаботи замони муосир мутобик кардани хизматрасонии он тамоми ашёву тачхизоти нав васлу насб карда шуда, бо накшу нигори миллӣ ва дигар мизу курсихои зебову диккатчалбкунана сохта шудааст .

Роххои шафат ва худуди фурудгох азнавсозӣ ва мумфарш карда шуд. Атрофи роххо бо дарахтони зиёди ороишӣ ва гулхои рангоранг оро ёфта, пурра чарогон карда шудааст.

Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба рохбарияти Фурудгохи байналмилалии Хучанд барои анчоми корхои ободонӣ ва дастгирии икдомхои созандаи рохбарияти давлату Хукумати Чумхурии Точикистон бахои баланд доданд.

Бо хамин сафари кории Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар вилояти Сугд анчом ёфт.

Баъди анчоми бобарори сафари корӣ дар як катор шахру нохияхои вилоят 31 март Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон аз шахри Хучанд ба шахри Душанбе баргаштанд.

Дар фурудгохи байналмилалии Хучанд Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмонро рохбарият ва сокинони вилояти Сугд бо нишони арчгузорӣ ба хидматхои арзандаи Сарвари давлат дар самти таъмини зиндагии шоистаи мардуми сарзамин, бо шахомати хоса гусел намуданд.